Бо қарори Ҳайати мушовараи
Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии
Тоҷикистон аз «02» октябри
соли 2017_,№_41.13_ тасдиқ карда
шудааст.

**(СПҲ-401)**

# ДАСТУРАМАЛ ОИД БА ТАШКИЛИ ЧОРАБИНИҲОИ НАЗОРАТИИ ЯКҶОЯ ВА ДАР ЯК ВАҚТ ДОИРШАВАНДАИ (ПАРАЛЛЕЛӢ) ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО МАҚОМОТИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВИИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1.Дастурамал оид ба ташкили чорабиниҳои назоратии якҷоя ва дар вақт (параллелӣ) доиршавандаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти назорати давлатии молиявии давлатҳои хориҷӣ (минбаъд - Дастурамал) ҳамчун стандарти ташкили фаъолият бо мақсади амалӣ намудани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», Созишномаҳои байналмилалии ба тасвиб расонидаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистонро (минбаъд - Палатаи ҳисоб) дар самти зикргардида ба танзим медарорад, таҳия карда шудааст.

Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои якҷоя ва дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда бо мақомоти назорати давлатии молиявии давлатҳои хориҷӣ тибқи талаботҳои Дастурамал дар бораи гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ ва бо дарназардошти хусусиятҳои дар Дастурамали мазкур ифодашуда, амалӣ карда мешавад.

1.2. Мақсади Дастурамали мазкур барои Палатаи ҳисоб муқаррар намудани тартиби омода, гузаронидан ва ба расмият даровардани натиҷаҳои чорабиниҳои назоратии якҷоя ва дар вақт (параллелӣ) доир мегардида ба ҳисоб меравад.

1.3. Вазифаҳои Дастурамал аз муайян намудани ҳолатҳои зерин иборат мебошад:

- муайян кардани намудҳои чорабиниҳои назоратии якҷоя ва дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда;

- муайян намудани тартиби ташкил ва омода намудани чорабиниҳои назоратии якҷоя ва дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда, тартиби ба роҳ мондани ҳамкориҳои Палатаи ҳисоб бо мақомоти назорати давлатии молиявии давлатҳои хориҷӣ дар ҷараёни амалӣ намудани он;

- муқаррар намудани талаботҳо ҷиҳати ба расмият даровардан ва баррасии натиҷаҳои чорабиниҳои назоратии якҷоя ва дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда.

1.4. Заминаҳои ҳуқуқии иштироки Палатаи ҳисоб дар чорабиниҳои назоратии якҷоя ва дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда аз Эъломияи Лима дар бораи принсипҳои роҳбарикунандаи назорат, қарорҳои қабул гардида дар доираи ИНТОСАИ, ЕВРОСАИ, АЗОСАИ ва Шӯрои роҳбарони мақомотҳои олии назорати молиявии давлат - аъзоёни ИДМ, созишнома ва шартномаҳои Палатаи ҳисоб бо мақомотҳои назорати давлатии молиявии давлатҳои хориҷӣ оид ба ҳамкориҳо, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», Дастурамал дар бораи қоидаҳои гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ба сарчашма мегирад.

1.5. Вобаста ба масъалаҳои ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои назоратии якҷоя ва дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда, ки бо Дастурамали мазкур ба танзим дароварда нашудааст, бо пешниҳоди аъзои Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб, ки барои гузаронидани чунин чорабиниҳо масъул мебошад, аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб қарори дахлдор қабул карда мешавад.

1.6. Дар мавриди аз ҷониби Палатаи ҳисоб ба имзо расонидани протокол, шартнома ва созишномаҳо вобаста ба роҳ мондани ҳамкориҳо, ки шаклҳои алоҳидаи ҳамкориҳоро муқаррар менамоянд, хусусияти ташкил ва гузаронидани чорабиниҳоя назоратии якҷоя ва дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда бояд бо тартиби бо санадҳои зикршуда муқарраргардида ба танзим дароварда шавад.

## 2. МАЗМУНИ ЧОРАБИНИҲОИ НАЗОРАТИИ ЯКҶОЯ ВА ДАР ЯК ВАҚТ (ПАРАЛЛЕЛӢ) ДОИРШАВАНДА

2.1. Чорабиниҳои назоратии якҷояи доиршавандаи Палатаи ҳисоб (аудитҳои молиявӣ, самаранокӣ, стратегӣ ва ғ.) бо мақомоти назорати давлатии молиявии давлатҳои хориҷӣ дар асосҳои дуҷониба ва ё

бисёрҷониба, вобаста ба мавзӯи аз ҷониби тарафи ташаббус нишон дода, тибқи барномаи умумӣ ва дар мӯҳлатҳои ба мувофиқа расида амалӣ карда шуда, дар ҳолатҳои зарурӣ барои гузаронидани он аз ҳисоби намояндаҳои тарафҳо гурӯҳҳои муштарак таъсис дода мешавад.

Чорабиниҳои назоратии якҷоя зимни санҷиши истифодаи воситаҳои буҷети давлатӣ ва буҷети давлатҳои хориҷӣ, ки ба маблағгузории фаъолияти муштараки объектҳои алоҳида равона гардида, дар ҳудуди тарафи иштирокчӣ қарор дорад, инчунин дар дигар ҳолатҳое, ки аз созишнома ва шартномаҳои байналмилалии ба тасвиб расонинидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, гузаронида мешавад.

2.2. Чорабиниҳои дар як вақт (параллелӣ) доиршавандаи Палатаи ҳисоб тибқи мувофиқаи тарафайн, мустақилона вобаста ба масъалаҳо ва мӯҳлатҳои ба мувофиқа расонидашудаи гузаронидани он, бо мубодилаи минбаъдаи натиҷаи онҳо амалӣ карда мешавад.

2.3. Бо мақсади гузаронидани чорабиниҳои назоратии якҷоя ва дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда, аз ҷониби Палатаи ҳисоб бо як ва ё як чанд мақомоти назорати давлатии молиявии давлатҳои хориҷӣ созишномаҳои дахлдор ба тасвиб расонида шуда, тибқи созишномаҳои зикргардида ҳолатҳои зерин муайян карда мешавад:

- номгӯи чорабинии назоратӣ;
- мавзӯи чорабинии назоратии якҷоя ва дар як вақт (параллелӣ) доир мешуда;
- объектҳои чорабинии назоратӣ;
- мақсад ва саволҳои чорабинии назоратӣ;
- меъёрҳои муқарраргардида (зимни аудити самаранокӣ);
- муҳлатҳои гузаронидани чорабинии назоратӣ;
- шахсони масъул барои гузаронидани чорабинии назоратӣ;
- шарт ва масъалаи ширкати ҳар яке аз тарафҳо бо дарназардошти функсия ва ваколатҳои назоратӣ, ки бо қонунгузории миллӣ, созишнома ва шартномаҳо дар бораи ҳамкориҳои Палатаи ҳисоб бо мақомоти назорати давлатии молиявии давлатҳои хориҷӣ басташуда, муқаррар карда шудааст;
- ӯҳдадориҳои тарафҳо дар қисмати маблағгузории корҳо вобаста ба татбиқи чорабиниҳои назоратӣ;
- тартиби мубодилаи маълумот, ба расмият даровардани натиҷаҳои чорабинии назоратӣ, аз ҷумла шакл, тартиби ба тасвиб ва ба мувофиқа расонидани ҳуҷҷатҳои ҷамъбастӣ;
- тартиби омода ва қабули қарор аз натиҷаҳои чорабинии назоратӣ;

- тартиби амалӣ намудани назорат вобаста ба иҷрои қарорҳои аз натиҷаҳои чорабинии назоратӣ қабул гардида.

## 3. БАРРАСИИ ДАРХОСТИ МАҚОМОТИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВИИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ ВОБАСТА БА ЧОРАБИНИҲОИ ЯКҶОЯ ВА ДАР ЯК ВАҚТ (ПАРАЛЛЕЛӢ) ДОИРШАВАНДА АЗ ҶОНИБИ ПАЛАТАИ ҲИСОБ

3.1. Дар мавриди ба нишонии Палатаи ҳисоб дохил шудани дархости мақомоти назорати давлатии молиявии давлатҳои хориҷӣ вобаста ба гузаронидани чорабиниҳои якҷоя ва дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда (минбаъд - дархост), Раиси Палатаи ҳисоб ва дар сурати ҳозир набудан ӯ муовини Раиси Палатаи ҳисоб оид ба омода намудани таклифу пешниҳодҳо вобаста ба масъалаи мазкур ва пешниҳод намудани он ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб ба сараудитор ва ё якчанд сараудиторони Палатаи ҳисоб, ки масъалаҳои дар дархост ифодаёфта ба доираи ваколатҳои онҳо дохил мешавад, супориши дахлдор медиҳад.

3.2. Аз тарафи сараудитори Палатаи ҳисоб, ки баррасии дархости мазкур ба ӯ супорида шудааст, ташкили коркард ва ба мувофиқа расонидани тамоми масъалаҳои бо гузаронидани чорабиниҳои якҷоя ва дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда алоқаманд бо мақомоти назорати давлатии молиявӣ (ташаббускори дархост) ба роҳ монда шуда, дар муҳлати дар супориш муқарраршуда ба Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб яке аз пешниҳодҳои зерин манзур дошта мешавад:

- ба нақшаи кории Палатаи ҳисоб дохил намудан ва гузаронидани чорабинии назоратии якҷоя ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда тибқи дархости воридгардида;

- дохил намудани саволҳои дархости воридгардида ба барномаи гузаронидани дигар чорабиниҳои назоратӣ, ки бо нақшаи кории Палатаи ҳисоб дар назар дошта шудааст;

- рад намудани дархост.

Бо манзур доштани пешниҳодҳои зикршуда, дар як вақт лоиҳаи мактуби ҷавобии дахлдор ба муаллифи дархост омода ва ба Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.

3.3. Баъд аз қабул гардидани қарори дахлдори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб вобаста ба дархости мақомоти назорати давлатии молиявии давлати хориҷӣ, бо имзои Раиси Палатаи ҳисоб ва дар сурати ҳозир набудани ӯ бо имзои муовини Раиси Палатаи ҳисоб дар мӯҳлати на дертар аз 14 рӯзи тақвимӣ аз санаи баррасии дархости мазкур дар

Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб, ҷавоби дахлдор ирсол карда мешавад.

3.4. Дар сурати рад гардидани дархост оид ба гузаронидани чорабинии назоратии якҷоя ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда, ҷавоби ба мақомоти назорати давлатии молиявии давлати хориҷӣ (ташаббускори дархост) бояд асоснок ва қонеъкунанда бошад.

## 4. ОМОДА НАМУДАНИ МУРОҶИАТИ ПАЛАТАИ ҲИСОБ БА УНВОНИИ МАҚОМОТИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВИИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ ВОБАСТА БА ГУЗАРОНИДАНИ ЧОРАБИНИҲОИ НАЗОРАТИИ МУШТАРАК ВА Ё ДАР ЯК ВАҚТ (ПАРАЛЛЕЛӢ) ДОИРШАВАНДА

4.1. Аъзои Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб, ки бо розигии Раиси Палатаи ҳисоб гузаронидани чорабинии назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршавандаро бо мақомоти назорати давлатии молиявии давлати хориҷӣ ба нақша мегирад, дар давраи ташаккули лоиҳаи нақшаи кории Палатаи ҳисоб барои соли навбатӣ корҳои омодагиро дар самти ба мувофиқа расонидани иштироки мақомоти назорати давлатии молиявии давлатӣ хориҷӣ дар чорабиниҳои назоратии муштарак ва ё дар як вақт (парпаллелӣ) доиршаванда ва дохил намудани он ба лоиҳаи нақшаи кории Палатаи ҳисоб ба роҳ мемонад.

Таклиф оид ба дохил намудани гузаронидани чорабинии назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда ба лоиҳаи нақшаи кории Палатаи ҳисоб барои соли навбатӣ дар сурате амалӣ карда мешавад, ки вобаста ба гузаронидани чорабинии назоратӣ розигии ба таври дахлдор ба расмият даровардашудаи мақомоти назорати давлатии молиявии давлати хориҷӣ (созишнома оид ба ҳамкориҳо) ҷой дошта бошад.

4.2. Ҳангоми дар давоми сол ба миён омадани зарурати гузаронидани чорабинии назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда бо иштироки мақомоти назорати давлатии назорати молиявии давлати хориҷӣ, аз ҷониби аъзои Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб, ки барои гузаронидани чорабинии назоратӣ масъул мебошад, вобаста ба гузаронидани чорабинии назоратии мазкур пешниҳоди асоснок ва дар як вақт лоиҳаи муроҷиати дахлдори Палатаи ҳисоб ба унвонии мақоми назорати давлатии молиявии давлати хориҷӣ омода ва ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб манзур дошта мешавад.

4.3. Дар сурати аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб қонеъ гардидани пешниҳод оид ба гузаронидани чорабинии назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда, бо имзои Раиси Палатаи ҳисоб ва дар сурати ҳозир набудани ӯ бо имзои муовини Раиси Палатаи ҳисоб ба унвонии мақомоти назорати давлатии молиявии давлати хориҷӣ муроҷиати Палатаи ҳисоб ирсол карда мешавад.

Баъд аз гирифтани розигии мақомоти назорати давлатии молиявии давлати хориҷӣ ҷиҳати гузаронидани чорабинии назоратии зикршуда, аъзои Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб, ки барои гузаронидани он масъул мебошад, ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб дар бораи дохил намудани чорабинии назоратии муштарак ва дар як вақт (парарллелӣ) доиршаванда ба Нақшаи кории Палатаи ҳисоб пешниҳод манзур менамояд.

## 5. ОМОДА ВА ҚАБУЛ НАМУДАНИ ҚАРОР ОИД БА БАРНОМАҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ ЧОРАБИНИҲОИ НАЗОРАТИИ МУШТАРАК ВА Ё ДАР ЯК ВАҚТ (ПАРАЛЛЕЛӢ) ДОИРШАВАНДА

5.1. Дар сурати қабул гардидани қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб оид ба гузаронидани чорабинии назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда тибқи дархости мақомоти назорати давлатии молиявии давлати хориҷӣ ва ё розигии ба даст оварда шудаи мақомоти назоратии давлати хориҷӣ, аъзои Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб, ки барои гузаронидани чорабинии мазкур масъул мебошад, корҳои пешакиро ҷиҳати ба мувофиқа расонидани лоиҳаҳои созишнома дар бораи гузаронидани чорабиниҳои назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда ва барномаи гузаронидани онро ба роҳ мемонад.

Дар сурати ба ваколатҳои ду ва ё зиёда сараудиторони Палатаи ҳисоб дахл доштани мавзӯъ ва масъалаҳои чорабиниҳои назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда, масъули ташкили чорабинии мазкур бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб муқаррар карда мешавад.

Лоиҳаҳои ба мувофиқа расонидашудаи Созишнома ва барномаҳои гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ бо муайян намудани ҳуҷҷатҳои ҷамъбастии он, аз ҷониби аъзои Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб, ки барои ташкили чорабинии назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда масъул мебошад, ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад (шакли намунавии Созишнома дар замимаи дастурамали мазкур оварда шудааст).

5.2. Созишнома ва барномаи гузаронидани чорабинии назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда бо имзои Раиси Палатаи ҳисоб ва дар сурати ҳозир набудани ӯ бо имзои муовини Раиси Палатаи ҳисоб ҷиҳати ба тасвиб расонидан ба мақомоти назорати давлатии молиявии давлати хориҷӣ (ташаббускори дархост) ирсол карда мешавад.

## 6. БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ ФАРМОИШ, ШАҲОДАТНОМА ДАР БОРАИ ҲУҚУҚИ ГУЗАРОНИДАНИ ЧОРАБИНИИ НАЗОРАТИИ МУШТАРАК ВА Ё ДАР ЯК ВАҚТ (ПАРАЛЛЕЛӢ) ДОИРШАВАНДА ВА ШАҲОДАТНОМАИ САФАРИ ХИЗМАТӢ

6.1. Омода намудани фармоиш дар бораи гузаронидани чорабиниҳои назоратии муштарак, ба расмият даровардани шаҳодатнома оид ба ҳуқуқи гузаронидани он ва шаҳодатномаи сафари хизматӣ тибқи тартиби меъёрҳои қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровaрда мешавад.

6.2. Тибқи фармоиш оид ба гузаронидани марҳилаи асосии чорабиниҳои назоратии муштарак ҳолатҳои зерин муайян карда мешавад:

- ногмгӯи мақомоти назорати давлати молиявии давлати хориҷӣ, ки дар гузаронидани чорабинии мазкур ширкат менамояд;
- ҳайати кормандони Палатаи ҳисоб ва дигар кормандони мақомоти назорати давлатии молиявии давлати хориҷӣ, ки ба объектҳои назоратӣ сафарбар карда шудаанд, бо нишон дода шудани роҳбари чорабинии назоратӣ, роҳбарони гурӯҳҳо дар объектҳо (дар сурати таъсис ёфтани гурӯҳҳои муштараки санҷишӣ);
- масъалаҳо ҷиҳати ба расмиятдарории сафарҳои хизматии хориҷии мутахассисони Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё ташкили қабули кормандони мақомоти назорати давлатии молиявии давлатҳои хориҷӣ, тартиб ва сарчашмаҳои маблағгузории чунин чорабиниҳо.

## 7. ГУЗАРОНИДАНИ ЧОРАБИНИҲОИ НАЗОРАТИИ МУШТАРАК ВА Ё ДАР ЯК ВАҚТ (ПАРАЛЛЕЛӢ) ДОИРШАВАНДА

7.1. Чорабиниҳои назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Созишномаҳои ба тасвиб расонидаи Палатаи ҳисоб бо мақомоти назорати давлатии молиявии давлатҳои хориҷӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ,

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», талабот ва тартиби муқаррарнамудаи Дастур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Палатаи ҳисоб амалӣ карда мешавад.

7.2. Кормандони Палатаи ҳисоб, ки ба ҳайати гурӯҳҳои муштараки санҷишии аз ҷониби мақомоти назорати давлатии молиявии давлати хориҷӣ барои гузаронидани чорабинии назоратии муштарак дар ҳудуди мамлакати худ таъсис дода шудааст, ҷиҳати ба роҳбарӣ гирифтани қонунгузории мамлакати дар он қарордошта, муқаррароти созишномаҳои ба тасвиб расида, қоида ва чорабиниҳои гузаронидани санҷишҳо дар давлатҳои хориҷӣ, инчунин Созишнома дар бораи гузаронидани чорабинии назоратии муштарак ва барномаи он ӯҳдадор мебошанд.

Тарафи ташаббускори гузаронидани чорабинии назоратии муштарак вобаста ба таъмини тарҷумаи ҳуҷҷатҳои корӣ бо забони дахлдор ӯҳдадор буда, ин ҳолат бо шартҳои Созишнома бояд муқаррар карда шуда бошад.

## 8. ҲАМКОРИҲОИ ПАЛАТАИ ҲИСОБ БО МАҚОМОТИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВИИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ҶАРАЁНИ ГУЗАРОНИДАНИ ЧОРАБИНИҲОИ НАЗОРАТИИ МУШТАРАК ВА Ё ДАР ЯК ВАҚТ (ПАРАЛЛЕЛӢ) ДОИРШАВАНДА

8.1. Ташкил намудани ҳамкориҳои Палатаи ҳисоб бо мақомоти назорати давлатии молиявии давлатҳои хориҷӣ дар ҷараёни гузаронидани чорабиниҳои назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда аз ҷониби аъзои Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб, ки барои гузаронидани он масъул мебошад, дар асоси муқаррароти Созишномаи ба тасвиб расида амалӣ карда мешавад.

Ҳамкориҳо асосан дар шаклҳои зерин амалӣ мегарданд:

- муносибат ва сафарҳои кории тарафҳои дар чорабиниҳои назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда иштироккунанда;
- гузаронидани машваратҳо;
- таҳияи ҳуҷҷатҳои методӣ ва мубодилаи онҳо;
- мубодилаи маълумотҳо;
- ба мувофиқа расонидани усулҳои гузаронидани чорабиниҳои назоратии муштарак ва дигар масъалаҳои ҳалталаб, ки дар рафти амалӣ намудани он пеш меояд.

8.2. Дар рафти гузаронидани чорабиниҳои назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда ҳамкориҳои Тарафҳо ба риояи созишномаи ҳамкорӣ, қонунгузории миллии тарафҳо, Эъломияи Лимагии принсипҳои роҳбарикунандаи аудит, Стандартҳои байналмилалии ИНТОСАИ, инчунин ба принсипҳои эҳтиром ва боварии тарафайн, баробарҳуқуқӣ ва шарикӣ бояд асос ёфта бошад.

8.3. Дар сурати байни Палатаи ҳисоб ва мақомоти назорати давлатии молиявии давлати хориҷӣ ба миён омадани гуногунназарӣ вобаста ба масъалаҳои ташкил, гузаронидан ва ба расмият даровардани натиҷаҳои чорабиниҳои назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда, ҷиҳати ҳалли он Тарафҳо гуфтушунид ва дигар чорабиниҳои ба мувофиқарасониро доир менамоянд.

8.4. Имконияти аз ҷониби Палатаи ҳисоб пешниҳод намудани маълумот, ки дар ҷараёни гузаронидани чорабинии назоратӣ аз тарафи дигар дархост карда мешавад ва ё маълумоти омода намудаи Палатаи ҳисоб аз натиҷаи он, ки сирри давлатӣ ва ё дигар сирри бо қонунгузорӣ ҳифзшаванда мебошад, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.

## 9. БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ НАТИҶАҲОИ ЧОРАБИНИҲОИ НАЗОРАТИИ МУШТАРАК ВА Ё ДАР ЯК ВАҚТ (ПАРАЛЛЕЛӢ) ДОИРШАВАНДА ДАР ОБЪЕКТҲОИ САНҶИШӢ

9.1. Талаботҳои умумии ба расмият даровардани натиҷаҳои чорабиниҳои назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда дар объектҳои санҷишӣ ва тартиби қабули қарор аз натиҷаи он бо Дастурамали Қоидаҳои умумии гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ, дастурамали мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Палатаи ҳисоб ва мувофиқаи тарафҳо муайян карда мешавад.

9.2. Натиҷаҳои чорабиниҳои назоратии дар объектҳои санҷишӣ гузаронидаи Палатаи ҳисоб тибқи талаботи Дастурамали қоидаҳои умумии гузаронидани чорабинии назоратӣ бо таҳияи санади дахлдор ба расмият дароварда шуда, дар баробари ин вобаста ба маълумотҳои ба тарафи дигар таалуқдошта, ҳолати мазкур бо намояндаҳои онҳо ба мувофиқа расонида мешавад.

Шинос намудани шахсони масъули ташкилоти санҷидашаванда бо санад аз натиҷаҳои чорабиниҳои назоратии муштарак, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст, тибқи муқаррароти Дастури Палатаи ҳисоб амалӣ карда мешавад.

9.3. Дар баъзе ҳолатҳои зарурӣ тибқи пешниҳод ва қарори ба мувофиқа расонидаи тарафайн бар замми санад аз натиҷаи чорабинии назоратӣ ҳуҷҷатҳои дигар, аз қабили ёддошт, изҳорот, муроҷиат, протоколҳо ва ғ. низ таҳия шуданаш мумкин мебошад, ки дар ҳуҷҷатҳои зикршуда низ натиҷаҳои фаъолияти объектҳои санҷишӣ, фикру мулоҳиза ва пешниҳодҳо вобаста ба иҷрои созишнома ва шартномаҳои тарафайн ифода карда мешавад.

9.4. Ҳуҷҷатҳои ҷамъбастӣ аз натиҷаи чорабиниҳои назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда дар объектҳои санҷишӣ бо забонҳои давлатӣ, инчунин бо мувофиқаи тарафайн бо дигар забони дахлдор низ тартиб дода мешавад.

9.5. Ҳуҷҷатҳои ҷамъбастӣ аз натиҷаҳои чорабиниҳои назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда дар объектҳои санҷишӣ аз рӯи шакли муқаррарнамудаи Созишнома оид ба гузаронидани он тартиб дода шуда, аз ҷониби намояндагони тарафҳо, ки дар гузаронидани он иштирок намудаанд, ба имзо расонида мешаванд. Дар ҳолатҳои зарурӣ ба ҳуҷҷатҳои ҷамъбастӣ ҷадвалҳо, маълумотномаҳо, ҳисобномаҳо, нусхаи ҳуҷҷатҳои аввалия ва дигар маводҳои иттилоотӣ замима гардида, ҳуҷҷатҳои зикргардида низ аз ҷониби намояндагони тарафҳо ба имзо расонида мешавад.

9.6. Ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои ҷамъбастӣ аз натиҷаҳои чорабиниҳои муштараки дар объектҳои санҷишӣ гузаронидашуда, ки дорои сирри давлатӣ ва дигар маълумотҳои махфӣ мебошанд, тибқи муқаррароти қонунгузории тарафҳо дар соҳаи ҳифзи сирри давлатӣ ва дигар маълумотҳои махфӣ амалӣ карда мешавад.

9.7. Ҳуҷҷатҳои ҷамъбастӣ аз натиҷаи чорабиниҳои назоратии дар як вақт (параллелӣ) доир мешуда дар объектҳои санҷишӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи меъёрҳои қонунгузории миллии ҳар яке аз тарафҳо ба расмият дароварда шуда, аз рӯи шакли муқарранамудаи Созишнома оид ба гузаронидани он тартиб дода шуда, дар ҳолатҳои зарурӣ ба ҳуҷҷатҳои ҷамъбастӣ ҷадвалҳо, маълумотномаҳо, ҳисобномаҳо, нусхаи ҳуҷҷатҳои аввалия ва дигар маводҳои иттилоотӣ замима карда мешавад.

## 10. ҲИСОБОТ АЗ НАТИҶАИ ЧОРАБИНИИ НАЗОРАТИИ МУШТАРАК ВА Ё ДАР ЯК ВАҚТ (ПАРАЛЛЕЛӢ) ДОИРШАВАНДА

10.1. Аз натиҷаҳои чорабинии назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст, тибқи талаботи муқарранамудаи Дастурамали дахлдори Палатаи ҳисоб, ҳисобот ба расмият дароварда шуда, омода

намудани он аз ҷониби аъзои Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб, ки барои гузаронидани он масъул мебошад, амалӣ карда мешавад.

10.2. Дар ҳолатҳои зарурӣ дар ҳисобот ҳолатҳои зерин ифода карда мешавад:

- намунаи таҷрибаи мусбии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ бо мақсади истифодаи он зимни гузаронидани чорабиниҳои минбаъдаи шабеҳ ва таҳияи тартиби ягонаи байналмилалии гузаронидани чорабиниҳои назоратии муштарак;
- муқаррароти ба тасвиб расонида шудаи созишнома, протокол, дархост ва пешниҳодҳои тарафайн вобаста ба такмил додани ҳамкориҳои тарафҳои манфиатдори дар фаъолияти объект иштироккунанда;
- пешниҳодҳо вобаста ба такмил додани созишномаҳои тарафайн;
- пешниҳодҳо вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки мавзӯи чорабинии назоратиро ба танзим медарорад;
- маълумот дар бораи ирсол гардидани маводҳои чорабинии назоратӣ ба мақомоти назорати давлатии молиявии тарафи дигар.

10.3. Шакли ҳуҷҷатҳо, ки аз натиҷаҳои чорабиниҳои назоратии муштарак омода карда мешавад, аз ҷониби тарафҳо дар Созишнома оид ба гузаронидани чорабинии назоратӣ муқаррар карда мешавад.

10.4. Ҳисобот аз натиҷаҳои чорабиниҳои назоратии дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда ва ҳуҷҷат аз натиҷаҳои чорабинии назоратии муштарак омода гардида, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Дастури Палатаи ҳисоб ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.

10.5. Аз натиҷаҳои чорабинии назоратии дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда намояндагони тарафҳо нусхаи ҳисоботҳои ба имзо расонидашударо мубодила менамоянд.

Бо Созишнома оид ба гузаронидани чорабинии назоратии дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда, омода намудани ҳуҷҷати ҷамъбастии муштарак аз натиҷаи чорабинии назоратӣ муқаррар гардиданаш мумкин аст.

## 11. ОМОДА ВА ҚАБУЛИ ҚАРОР АЗ НАТИҶАҲОИ ЧОРАБИНИҲОИ НАЗОРАТИИ МУШТАРАК ВА Ё ДАР ЯК ВАҚТ (ПАРАЛЛЕЛӢ) ДОИРШАВАНДА

11.1. Омода ва қабули қарор аз натиҷаҳои чорабиниҳои назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда, ирсоли пешниҳод,

мактубҳои ахборотӣ, муроҷиат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Дастури Палатаи ҳисоб ва Дастурамали қоидаҳои умумии гузаронидани чорабинии назоратӣ амалӣ карда мешавад.

11.2. Тибқи Созишнома ва ё мувофиқаи тарафайн дар рафти чорабинии назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда вобаста ба тартиби дигари омода намудани лоиҳаи ҳуҷҷатҳо, қабули қарор, инчунин тасдиқ ва ирсоли ҳуҷҷатҳо аз натиҷаҳои чорабинии назоратӣ мумкин аст созиш ба даст оварда шавад.

11.3. Ҷиҳати амалӣ намудани созишҳои ба даст омада, дар ҳолатҳои зарурӣ бо Созишнома ҳолатҳои зерин муқаррар карда мешавад:

- гузаронидани ҷаласаҳои муштарак байни тарафҳо;
- қабули қарорҳои муштарак вобаста ба ҳолатҳои камбудӣ ва қонунвайронкуниҳои ошкоргардида ва андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани онҳо;
- тартиби назорати иҷрои пешниҳодҳо вобаста ба чорабинии назоратӣ, инчунин шакли масъулияти тарафҳо;
- тартиби мубодилаи маълумот вобаста ба масъалаҳои иҷрои таклифу пешниҳодҳо, қарорҳои қабул гардида вобаста ба натиҷаҳои чорабиниҳои назоратӣ ва дигар масъалаҳо.

**С О З И Ш Н О М А**
**оид ба гузаронидани чорабинии назоратии муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршавандаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва**

______________________________________________________________

(номгӯи мақомоти назорати давлатии молиявии кишвари дар ҳамкорӣ қарор дошта)

«__» ________ соли 201__ ш. Душанбе

Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ____________________
__________________________________________________________________,
(номгӯи мақомоти назорати давлатии молиявии кишвари дар ҳамкорӣ қарор дошта)
ки дар минбаъда Тарафҳо ном бурда мешаванд, бо ба роҳбарӣ гирифтани принсипҳои бунёдии фаъолияти Ташкилоти байналмилалии мақомоти олии аудит (ИНТОСАИ), Ташкилоти аврупоии мақомоти олии аудит (ЕВРОСАИ), Ташкилоти осиёгии мақомоти олии аудит (АЗОСАИ), Шӯрои роҳбарони мақомоти олии назорати молияви давлатҳои аъзои ИДМ, созишнома ва шартномаҳои Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамкориҳо бо мақомоти олии назорати молиявии давлатҳои хориҷӣ вобаста ба гузаронидани чорабинии назоратии ______________________________________________________
______________________________________________________________
(номгӯи чорабинии назоратӣ (муштарак ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда)
ва шартҳои зерин ба созишнома омаданд:

**Моддаи 1**

Бо дарназардошти дар доираи қонунгузории миллии Тарафҳо амалӣ гардидани чорабинии назоратии муштарак (ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда), Тарафҳо ба эътимод доранд, ки он ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии ҳалли масъалаҳои зерин кӯмак менамояд:

- таъмини назорат ҷиҳати иҷрои моддаҳои даромадӣ ва хароҷотии буҷетҳои миллӣ, буҷетҳои фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ ва гардиши қонунӣ ва саривақтии воситаҳои давлатӣ;

- муайян намудани самаранокии хароҷоти воситаҳои буҷетҳои миллӣ ва истифодаи моликияти давлатӣ;

- таҳлили самаранокии фаъолияти сохторҳои буҷетии кишвар ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили равандҳои буҷетӣ;

- риоя ва иҷрои самараноки қонунгузорӣ вобаста ба созишномаҳо дар бораи тақсими маҳсулот, қаъри замин, ки истифодаи онҳо бо шарти тақсими маҳсулот ва дар минтақаҳои истисноии иқтисодӣ пешниҳод мегардад.

**Моддаи 2**

Зимни ба тасвиб расонидани Созишномаи мазкур Тарафҳо ҳолатҳои зеринро муайян менамоянд:

- асос ____________________________________________;
- мавзӯъ__________________________________________;
- мақсадҳо________________________________________;
- объект (объектҳо)_________________________________;
- саволҳои чорабинии назоратӣ:

1.____________________________________________________;
2.____________________________________________________;
3.____________________________________________________;

- мӯҳлати чорабинии назоратӣ_________________________;
- ҳайати иҷрокунандагон:

1. аз ҷониби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон
-
-
-

2. аз ҷониби ______________________________________;
-
-
-

- тартиб ва ташкили гузаронидани чорабинии назоратӣ, тартиби омода, ба мувофиқа расонидан ва тасдиқ намудани барнома;

- тартиби омода намудан ва қабули қарор аз натиҷаҳои чорабинии назоратии муштарак (ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда), ки бо ҳуҷҷатҳои меъёрии Тарафҳо ба танзим даровarda нашудааст.

**Моддаи 3**

1.Зимни гузаронидани чорабинии назоратии муштарак (ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда) Тарафҳо дар доираи ваколатҳои худ вобаста ба ҳамкориҳо ва тартиби пешниҳоди маълумоти зарурӣ ба созиш меоянд.

2. Ҳангоми мубодилаи маълумот дар доираи Созишномаи мазкур Тарафҳо қонунгузории кишвари худро вобаста ба ҳифзи сирри давлатӣ ва дигар иттилооти сирри махфӣ дошта ба роҳбарӣ мегиранд.

3. Дар сурати рад кардани пешниҳоди маълумот ба Тарафи дигар, дар ин хусус бо дарҷ намудани сабабҳои радкунӣ хабар дода мешавад.

**Моддаи 4**

Дар ҳолатҳои зарурӣ Тарафҳо ҷаласаҳои ҳамоҳангсозӣ гузаронида, аз натиҷаҳои он протоколҳоро ба имзо расонида, вобаста ба чорабинии назоратии муштарак (ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда) қарорҳои мушаххас қабул менамоянд.

**Моддаи 5**

Дар сурати ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ, ки ба иҷрои шартҳои Созишнома дахл менамояд, Тарафҳо якдигарро бе таъхир огоҳ менамоянд.

**Моддаи 6**

1.Ба расмият даровардани натиҷаҳои чорабиниҳои назоратии муштарак (ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда) дар объектҳои санҷишӣ дар шакли ________________________________________________

(санад, протокол, маълумотнома ва ё дигар ҳуҷҷат)

амалӣ карда мешавад.

Барои Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон санад, ки тибқи ҳуҷҷатҳои дохилӣ ва стандартҳои назорати молиявии Палатаи ҳисоб ба расмият дароварда шудааст, ҳамчун ҳуҷҷати ҳатмӣ ба ҳисоб меравад.

2. Аз натиҷаҳои чорабинии назоратии дар як вақт (параллелӣ) доир шаванда ____________________________________________________________

(шакли ҳуҷҷати ҷамъбастӣ - ҳисобот, ёддошт, изҳорот ва ғ. нишон дода мешавад)

таҳия карда мешавад, ки тартиби омода, ба мувофиқа расонидан ва тасдиқи он бо мувофиқаи Тарафҳо амалӣ карда мешавад.

3. Бо таклифи яке аз Тарафҳо маводҳо аз натиҷаҳои чорабинии назоратии муштарак (ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда) метавонад дар дигар шакли мувофиқа шуда пешниҳод гардад. Ҳаҷм ва тартиби пешниҳод намудани маводҳои иловагии чорабинии назоратии муштарак (ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда) бо мувофиқаи Тарафҳо муайян карда мешавад.

## Моддаи 7

1.Баъди аз ҷониби як Тараф гузаронидани чорабинӣ ба фоидаи Тарафи дигар, Тарафи иҷрокунанда Тарафи дархосткунандаро аз натиҷаҳои чорабинии назоратӣ иттилоъ медиҳад.

2. Дар сурати зарурӣ, Тарафҳо бо мақсади муҳокима намудани натиҷаҳои чорабинии назоратӣ машварат доир намуда, натиҷаҳои чорабинии назоратӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ________________________________________

(Тарафи дигар)

мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

## Моддаи 8

Ҳама гуна тағйиру иловаҳо ба Созишномаи мазкур бо созишномаи иловагии хаттӣ ба расмият даровarda шуда, аз ҷониби Тарафҳо ба имзо расонида мешавад.

## Моддаи 9

Созишномаи мазкур аз лаҳзаи ба имзо расонидани он аз ҷониби Тарафҳо мавриди амал қарор гирифта, то анҷоми чорабинии назоратии муштарак (ё дар як вақт (параллелӣ) доиршаванда) амал менамояд.

Ба қатъ намудани амали Созишнома ҳангоми чорабинии назоратии муштараки (ва ё дар як вақт (параллелӣ) доиршавнда), ки аллакай оғоз карда шудааст, то пурра ба итмом расонидани он роҳ дода намешавад. Санаи ба анҷом расонидани чорабинии назоратӣ санаи аз тарафи мақомотҳои назорати давлатии молиявии Тарафҳо қабул гардидани қарор аз натиҷаҳои чорабинии назоратӣ ба ҳисоб меравад.

Созишнома санаи ________________________________________

(таърихи рӯз ва макони ба имзо расонидани он)

ду нусхагӣ бо забони тоҷикӣ ва ________________________________

(забони расмии Тарафи дигар)

тартиб дода шуда, эътибори баробари ҳуқуқӣ доранд.

| | |
|---|---|
| Аз ҷониби<br>Палатаи ҳисоби<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>____________________ | Аз ҷониби<br>____________________<br>(тарафи созишнома)<br>____________________ |